ТАСДИҚ МЕКУНАМ
Ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ,
доктори илмҳои педагогӣ, профессор
__________ Мирализода А.М.
«____» ________ соли 2020

# ХУЛОСАИ

кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

Диссертатсияи Сафаров Холмад Хоркашович дар мавзӯи “Таърих ва этнографияи Рог дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.07-Мардумшиносӣ, қавмшиносӣ ва антропология дар кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллохи Рӯдакӣ иҷро гардидааст.

Дар давраи омода гардидани диссертатсия Сафаров Холмад Хоркашович унвонҷӯйи кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ маҳсуб меёфт.

Сафаров Холмад Хоркашович соли 1990 Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленин (айни ҳол Донишгоҳи миллии Тоҷикистон)-ро аз рӯйи ихтисоси таърих хатм намудааст.

Аз соли 2015 инҷониб оид ба мавзӯи интихобкардаи худ, маводи зиёдро гирд оварда, таҳқиқот бурда истодааст.

**Роҳбари илмии** унвонҷӯ Яъқубов Юсуфшоҳ, доктори илмҳои таърих, академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Диссертатсияи Сафаров Холмад Хоркашович дар ҷаласаи васеи кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ муҳокима гардида, барои ҳимоя тавсия шудааст. Дар раванди муҳокимаи диссертатсия иштирок намуданд: доктори

илмҳои таърих, профессор Абдуллоев М.Х., д.и.т, профессор Абдуназаров Х., номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент Муродова Г.Р., номзади илмҳои таърих Боқиев Р.У.,н.и.т, дотсент Аъзамов Х.С., дотсент Назаров П., муаллими калон Носиров Х., ассистентони кафедра Исуфов Ш., Мирзоев С., Бозоров С.Б., Исмоилов З.И., Бадалов И., Фаризаи Давлатмурод.

Ҳайати омӯзгорони кафедраи таърихи халқи тоҷик нисбат ба диссертатсияи Сафаров Х.Х. хулосаи зеринро пешниҳод менамоянд:

Дар диссертатсияи Сафаров Х.Х. масъалаҳои муҳимтарини таърихи нави Афғонистону Тоҷикистон, омӯзиши махсусиятҳои таърихию мардумшиносӣ, анъанаҳои кишоварзӣ, ҳунармандӣ, хӯрокҳои миллӣ, ҷашну маросимҳо, соҳаи варзиш мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд. Хусусиятҳои илмии диссертатсия ва ҷанбаҳои назариявию методологии мавзӯи таҳқиқот ба осонӣ мушоҳида мегардад.

Диссертатсияи мазкур мустақилона омода гардида, таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба шумор меравад ва аз аҳамияти назариявию амалӣ бархӯрдор аст. Дар раванди таҳқиқот муаллиф доираи васеи сарчашмаҳои хаттӣ, адабиёти илмӣ ва маводи мардумшиносиро мавриди омӯзиш қарор дода, дар заминаи таҳлили ҳамаҷонибаи онҳо паҳлуҳои гуногуни давраи таҳқиқотиро баррасӣ намудааст. Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот дар амал татбиқ гардида, хулосаҳо ва натиҷаҳои бадастомада илман асоснок гардидаанд. Муаллиф дар раванди таҳқиқот методҳои илмии соҳаи таърихро истифода намуда, таҳқиқоти илмиро мустақилона ба анҷом расонидааст.

**Муҳиммияти омӯзиши мавзӯъ**: Омӯзиши таъриху фарҳанг, ҷашну маросимҳо ва ҳунару машғулиятҳои анъанавии гузаштаву муосир бахши муҳимми фарҳанги ҳар миллат мебошад. Фарҳанги ягонаи миллат дар заминаи фарҳанги минтақаҳои гуногун, ки аз як реша маншаъ мегиранд, ташаккул меёбад. Фарҳанги миллӣ ва минтақавӣ ба ҳамдигар таъсири мутақобила расонда, якдигарро ғанӣ ва рангинтар мегардонанд. Дар баробари ин, фарҳангҳои минтақавӣ нишонаҳои ба худ хос дошта,

боқимондаи анъанаҳои хеле кадим буда, маълумоти ҷолиб ва нодирро дар бар мегиранд ва Роғ аз гунаи онҳо мебошад. Ҳунарҳои мардумӣ ҷузъи фарҳангу тамаддуни халқи тоҷик ба ҳисоб меравад. Боиси хурсандист, ки тайи чанд соли охир бо ташаббусҳои фарҳангдӯстонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати эҳёи ҳунарҳои мардумӣ, рӯй овардан ба таъриху фарҳанги ниёгон, бахусус Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон шудани соли 2018 ва идомаи он такони ҷиддие дар рушди соҳаи мазкур ба амал омад. Ин бесабаб нест, зеро бисёр ҳунарҳои мардумӣ вобаста ба рушди ҷомеа аз байн рафта истодаанд. Аз ин рӯ, ҳунарҳои мардумӣ, махсусан ҳунарҳои дастӣ, яке аз намудҳои оммавӣ ва халқии санъат буда, аҳамияти он ба хеҷ кас пӯшида нест.

Имрӯз Роғ яке аз ноҳияҳои Бадахшон буда, таъриху фарҳанги хеле қадимаву хос дорад. Аз тарафи дигар, таърихи он бо таърихи минтақаҳои ҳамсоя зич алоқаманд мебошад. Омӯзиши ҷугрофия, таърих ва этнографияи Роғ ҳамчун ҷузъи таҳқиқнашудаи як гӯшаи тоҷикзамин аҳамияти калони илмӣ дорад. Дар рисола бори аввал проблемаи мардумшиносии Роғ ба миён гузошта шудааст. Мардумшиносии Рог комилан омӯхта нашуда, маҳз ба ҳамин хотир рисола ба таҳқиқоти ин ноҳияи таърихӣ бахшида шудааст. Масъалаҳои мардумшиносии ин гӯшаи таърихи тоҷикнишин на танҳо Роғ, балки тамоми Бадахшон ва умуман тоҷикони Афғонистон аз назари олимон дур мондааст.

**Навгонии таҳқиқот:** Дар рисолаи мазкур дар заминаи таҳлили доираи васеи сарчашмаҳои хаттӣ, адабиёти илмӣ ва маводи мардумшиносӣ бори аввал ба таври комплексӣ таърих ва этнографияи тоҷикони Роғ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

Навгонии таҳқиқотро мушаххастар ба таври зерин нишон додан мумкин аст: дар омӯзиши маҷмӯии мавзӯи ҳанӯз таҳқиқ нашудаи таърих ва этнографияи Роғ дар асри XIX ва ибтидои асри XX анъанаҳои кишоварзӣ, ҳунармандӣ ва ҷашну маросимҳо ҳамаҷониба ва дар доираи

як таҳқиқот баррасӣ нашудааст. Сабаб дар он буд, ки дар сарчашмаҳои хаттӣ оид ба ин мавзӯъ танҳо маълумоти кӯтоҳ ва пароканда мавҷуданд.

Дар рисола бори аввал ҳамаи маълумот дар маҷмӯъ гирд оварда шуда, бо тартиби муайян таҳлил гардида, силсилаи ягона, пайдарҳамию бо ҳамдигар алоқамандии ҳодисаҳои таърихӣ ва падидаҳои фарҳангӣ ба танзим даровардашуда, таҳлил ва баррасӣ шудааст. Навгонии дигари рисола таҳқиқи фарҳанги мардумии Роғ мебошад, ки он амалан тамоми соҳаҳои фаъолияти аҳолиро, аз қабили кишоварзӣ, ҳунармандӣ, хӯрокпазӣ, ҷашну маросимҳо, соҳаи варзиш ва амсоли инҳоро дар бар мегирад. Ин мавзӯъ бори нахуст мавриди омӯзиш қарор дода шудааст,ки дар саҳифҳои таърих маълумоти нав ва ҷолиб мебошад.

Муаллифи рисола ба ноҳияҳои роғнишини минтақаи Кӯлоб борҳо сафар карда, аз нақли солхӯрдагон доир ба соҳаҳои номбаршуда маълумоти тоза пайдо карда, ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Доир ба соҳаҳои номбаршуда нахустин шуда маълумоти муфассал оварда, хулосаҳои муҳимми илмӣ баровардааст. Омӯзиши ҳар машғулият ё маросимҳо аз оғоз то анҷом муфассал, пай дар пай баён шудааст.

Омӯзиши маросимҳо чандин марҳиларо дар бар мегирад. Муаллиф кӯшиш кардааст, то ҳар марҳиларо муфассал аз оғоз то анҷом баён карда, пайвастагии онҳоро нишон диҳад.

Ҳангоми омӯзиш ва таҳқиқ доир ба кишти ғалла аз шудгори замин то ба хона бурда расондани ҳосил, олоту асбоби меҳнат, андозҳо аз ҳосил, косибӣ ва тиҷорат, хӯрокҳо, ҷашну маросимҳо, бозиҳои варзишӣ ва фароғатӣ маълумоти муфассал оварда шудааст. Ҳамаи ин маълумот бори нахуст мавриди таҳлили илмӣ қарор дода шудааст.

Алоқаи кишоварзӣ ва ҷашну маросимҳои мардуми Роғро аз як сӯ бо шароити табиӣ ва аз сӯи дигар бо малакаи хоҷагидорӣ, анъанаҳои таърихиву фарҳангии чандинҳазорсолаи онҳо муайян менамояд.

Навигарӣ дар кори илмии мазкур, ҳамчунин, асоси манбаъшиносии онро муайян мекунад. Қисми асосии корҳои

истифодабурдаи муаллиф аввалин маротиба ба равияи илмӣ дохил мешавад.

Дар раванди таҳқиқот муаллиф доираи васеи сарчашмаҳои хаттӣ, адабиёти илмӣ ва маводи мардумшиносиро мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода, дар заминаи онҳо обзори таърихнигорӣ нишон медиҳад, ки шурӯъ аз асри XIX то ибтидои асри XX муаррихону мардумшиносон паҳлуҳои гуногуни таърих ва этнографияи тоҷикони ноҳияи Роғро таҳқиқ намудаанд. Бояд қайд намуд, ки масъалаи марбут ба таърих ва этнографияи тоҷикони ноҳияи Роғ, дар асри XIX ва ибтидои асри XX ҳанӯз ҳам ба таври пурра омӯхта нашудааст. Дар маҷмӯъ, сарфи назар аз муваффақиятҳои илмии таърихи замони Шӯравӣ ва таърихи Тоҷикистон, омӯзиши соҳаҳои кишоварзӣ, ҳунармандӣ, хӯрокпазӣ, ҷашну маросимҳо, анъанаҳои варзишӣ яке аз масъалаҳои кам омӯхташуда маҳсуб меёбад. Аз ин рӯ, муаллиф маводи парокандаро ҷамъоварӣ намуда, барои ба илм ворид кардани таърих ва этнографияи Роғ дар асри XIX ва ибтидои асри XX кӯшиш ба харҷ додааст. Бинобар ин, диссертатсияи мазкур барои омӯзиши таърих ва фарҳанги тоҷикони Бадахшон, Тоҷикистон дар асри XIX ва ибтидои асри XX ва умуман, барои омӯзиши таърихи халқҳои Осиёи Марказӣ, қисми Эрон, ҷанубу ғарбии Осиё (Озорбойҷон), барои тадқиқотчиён маводи илмӣ ва далелҳои асоснокшуда ба шумор меравад.

Хулосаҳои таҳқиқоту таҳлилҳои муаллиф барои омӯзиши таърих ва этнографияи Роғи Бадахшон, ҷуғрофия, роғиҳои минтақаи Кӯлоб, кишоварзӣ, ҳунармандӣ, тиҷорат, хӯрокҳои миллӣ, маросимҳои миллӣ дар асри XIX ва ибтидои асри XX аҳамияти хоса дорад. Таҳлилҳои илмии дар диссертатсия суратгирифта ҷиҳати инъикоси фарҳанги ягонаи миллат дар заминаи фарҳанги минтақаҳои гуногун, ки аз як реша маншаъ мегиранд ва ба ҳамдигар таъсири мутақобила расонидаву якдигарро ғаниву рангоранг мегардонанд, хеле аҳамиятнок мебошанд.

Маълумоти муҳиме, ки дар рафти таҳқиқи илмӣ бо истифодаи сарчашмаҳои хаттӣ, адабиёти илмӣ ва маводи мардумшиносӣ, ҷамъоварӣ шуда, мавриди омӯзиш қарор дода шуда, натиҷагирӣ шудаанд мавзӯи таҳқикро асоснок менамояд. Муаллиф дар ҳамаи марҳилаҳои таҳқиқ фаъолияти пурсамар нишон дода натиҷаҳои пажӯҳиши худро дар шакли мақолаҳои илмӣ чоп намудааст.

Мазмуну мундариҷаи диссертатсия ба талаботи муқарраргардида ҷавобгӯ буда, таҳқиқоти илмии мазкурро метавон анҷомёфта арзёбӣ намуд. Автореферати диссертатсия муҳтавои асосии таҳқиқотро пурра ифода менамояд. Хулосаҳои таҳқиқоти анҷомшуда дар мақолаҳои илмии муаллиф, ки аксарашон дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда чоп гардидаанд, инъикос ёфтаанд. Муаллиф дар алоқамандӣ бо мавзӯи таҳқиқшаванда дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 5 мақолаи илмӣ, 1 васоити таълимӣ ва 5 мақола дар дигар нашрияҳо ба табъ расонидааст:

1.Сафаров Х.Х. Рог дар масири таърих / Х.Х.Сафаров //Паёми Донишгоҳи Омӯзгории Тоҷикистон. Душанбе-2012.- №5(48).-С.92-95.1SSN 2219-5408;

2.Сафаров Х.Х. Сохти маъмури ва сиёсии Роғ / Х.Х.Сафаров //Паёми Донишгоҳи Омӯзгории Тоҷикистон. Душанбе-2013.- №4(53).-С.193-198. 1SSN 2219-5408;

3.Сафаров Х.Х. Аз таърихи фалак / Х.Х.Сафаров // Паёми Донишгоҳи Милли Тоҷикистон.Душанбе-2015.-№3(11).-С.39-41.1SSN 2074-1847;

4.Сафаров Х. Х. Аз таърихи ҳунарҳои мардуми / Х.Х.Сафаров // Паёми Донишгоҳи Милли Тоҷикистон. Душанбе-2020.- №1.-С.71-75. 1SSN 2074-1847;

**Васоити таълимӣ**

1.Сафаров Х.Х, Б. Ҳусейн. Маҷмӯи саволномаи тести аз фанни таърихнигории таърихи тоҷик ва Русия / Х.Х. Сафаров, Ҳусейнӣ Б.- Душанбе, 2018. -111с.

**Мақолаҳо дар маҷмӯаҳои илмӣ, маҷалаҳо ва конференсияҳо**

1. Сафаров Х. Аз таърихи тоҷиҳои Кӯлобӣ / Х.Сафаров //Маводи конференсияи илмӣ-амалии Ҷумҳуриявӣ. Дар мавзӯи "Пешвои миллат-ташаббускори рушди сайёҳи ва эҳёи ҳунарҳои мардумӣ". Донишгоҳи Тиҷорат ва Андоз. (27-28 апрели 2018). -С.138-142.

2.Сафаров Х.Х. Аспи Хатлӣ / Х.Сафаров // Паёми Донишгоҳи Давлатии Кӯлоб.Кӯлоб-2013.-№1-2 (8-9).-С. 41-51.

3.Сафаров Х.Х. Жанри фалак / Х.Сафаров // Паёми Донишгоҳи Давлатии Кӯлоб.Душанбе-2014.-№2(11). -С. 53-57.

4.Сафаров Х. Сухане чанд аз зиндагиномаи орифи давр Мавлонои Кӯлобӣ (Мавлоно Холмуҳаммади Кӯлобӣ) / Х.Сафаров // Паёми Донишгоҳи Давлатии Кӯлоб. Душанбе-2015.-№1(12).-С.73-80.

5.Сафаров Х.Х. Корнамоиҳои Деваштичи сугдӣ / Х.Сафаров // Паёми Донишгоҳи Давлатии Кӯлоб. Душанбе-2017.-№1(16).-С.61-64.

Ҳамин тариқ Сафаров Х.Х. аз уҳдаи анҷом додани таҳқиқоти илмӣ баромада, вазифаҳои дар назди худ гузоштаро пурра иҷро намудааст. Диссертатсияи ӯ кори илмӣ, таҳқиқоти анҷомёфтае мебошад, ки дар омӯзиши минбаъдаи таърих ва этнографияи тоҷикони Бадахшони Афғонистон ва тоҷикони минтақаи Кӯлоб дар садаи аввали асри XX заминаи муҳимми илмию назариявӣ гузошта метавонад.

Маводи дар диссертатсия истифодашуда, инчунин, ҷанбаҳои назариявию методологии диссертатсияи мазкур бо ихтисоси 07.00.07-Мардумшиносӣ, қавмшиносӣ ва антропология мувофиқат менамояд. Диссертатсия аз рӯйи натиҷаҳои назариявӣ ва хулосаи илмӣ, тавсияи амалӣ ва сатҳу сифати таҳияи худ ба талаботи Низомномаҳои амалкунандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷавобгӯ мебошад.

Ҳамин тариқ диссертатсияи Сафаров Х.Х. дар мавзӯи "Таърих ва этнографияи Роғ дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.07-

Мардумшиносӣ, қавмшиносӣ ва антропология барои ҳимоя тавсия карда мешавад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи васеи кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ аз 30 декабри соли 2019 қабул гардидааст.

Дар ҷаласаи кафедра 13 нафар иштирок намуданд. Натиҷаи овоздиҳӣ: 13 нафар, зид нест, бетараф нест. Суратмаҷлиси №6 аз 30 январи соли 2020.

Мудири кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи
давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ,
номзади илмҳои таърих Боқиев Рузибек Усмонович

Имзои н.и.т. Боқиев Р.У.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДК ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ Амиров Ф.А.

735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Вилояти Хатлон, ш. Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров,16.
Тел.: (+992 3322) 2-35-06, 916
E-mail: info@kgu.tj1.